Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №146 (2973) | ДУШАНБЕ, 26 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Аҷдоди пуршарафи мо аз ҷумлаи асосгузорони дирафшҳои шоҳиву давлатӣ дар олам мебошанд

### Паёми табрикии Сарвари давлат ба муносибати Рӯзи Парчам

*23 ноябри соли 2012*

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Чанд рӯз пеш мо - мардуми сарбаланду соҳибистиқлоли Тоҷикистон яке аз санаҳои барои насли имрӯзу ояндаи миллат муқаддас - бистумин солгарди Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро ҳамроҳ таҷлил намудем.

Ин бори дигар собит намуд, ки нодиртарин дастоварди мардуми мо дар даврони истиқлолияти давлатӣ маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот аст, ки заминаи муътамади сарбаландӣ ва ифтихори миллати куҳанбунёдамон дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб мешавад.

Имрӯз дар идомаи ҳамин ҷашни бузурги тақдирсоз 20-солагии Парчами Тоҷикистон дар саросари кишварамон ҳамчун яке аз ҷашнҳои умумимиллӣ бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил карда мешавад.

Зеро Рӯзи Парчам дар қатори ҷашнҳои нави миллӣ, ба монанди Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи фаромӯшнопазири таърихӣ ва рӯзи ифтихору сарфарозӣ мебошад.

Худи Парчам барои миллат эътибору шараф ва барои Ватан як нишони муқаддас мебошад.

Ба ин муносибат ҳамаи шуморо самимона табрик гуфта, бароятон, пеш аз ҳама саломатӣ ва хушбахтиву хонаободӣ орзу менамоям.

Далелҳои таърихӣ собит менамоянд, ки яке аз рамзҳои давлатдории тоҷикон аз қадимулайём маҳз Парчам мебошад.

Аксарияти муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки дар давоми бештар аз чор ҳазор соли маълуми таърихи дирафшҳо, ки аввалини онҳо дар Бобулу Мисру Чин пайдо шудаанд, қавмҳои ориёӣ дар ҷаҳон бори нахуст дирафши давлатиеро ба вуҷуд оварданд, ки ба нишонаҳои имрӯза монанд буданд.

Яъне, бо ифтихор метавон гуфт, ки аҷдоди пуршарафи мо аз ҷумлаи асосгузорони дирафшҳои шоҳиву давлатӣ дар олам мебошанд, ки офаридаҳояшон то ба имрӯз қариб дар ҳамон шакл боқӣ мондаанд.

Хушбахтона, баъди садсолаҳо мардуми тоҷик ба шарофати истиқлоли сиёсӣ соҳиби Парчами миллӣ - рамзи давлати мустақилу соҳибихтиёр гардид. Парчами Тоҷикистон ҳамқадам ба рамзи истиқлолияти давлатӣ буда, санаи қабули он ҳамчун ҷашни умумимиллӣ бори нахуст 24 ноябри соли 2009-ум бо ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ таҷлил гардид, ки ин ифтихори азим аст.

Ин ифтихор бештар аз ҳама ифтихороти дигари мост, зеро тахти ин дирафш аҷдоди ин миллати арҷманд садҳо ва ҳазорҳо сол саф кашида, аз Ватану миллат, озодиву номус, дину фарҳанг ва муҳимтар аз ҳама, аз марзу буми поки падарони худ ҳимоят кардаанд.

Яъне, ин дирафш барои мо як пора матои оддӣ набуда, дар он рамзи ҳамаи давлатҳои таърихии миллати мо дарҷ гардидааст ва арҷ гузоштан ба он вазифаи инсонӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар кадоми мову шумост. Аз ин хотир, Парчами миллӣ дар миёни мардум бояд баробари дигар рамзҳои миллиамон азизу гиромӣ ва муқаддас бошад.

Зеро аз муносибате, ки шаҳрвандони як мамлакат ба рамзҳои миллии худ, аз ҷумла парчами давлатӣ доранд, метавон ба хубӣ пай бурд, ки онҳо давлату миллати худро то кадом андоза дӯст медоранд ва ба арзишҳои миллии худ чӣ гуна эҳтиром мегузоранд.

Танҳо дар рӯзҳои ҷашну сур ё дигар расмиёти давлатӣ дар кӯчаҳои шаҳрҳо пайдо шудани Парчами давлатӣ ин маънии пурраи изҳори муҳаббат ба ин сарзамин ё давлату миллатро дар бар гирифта наметавонад.

Дӯст доштан ва эътироф намудан дар он сурат умумимилливу мардумӣ ва комил мегардад, ки агар бидуни расмиёт ё чорабиниҳои давлативу миллӣ ҳар як шаҳрванд ҳамеша манзалат ва эҳтироми парчами давлати хешро қадр карда тавонад.

Ҳамчун нишони сарисинагӣ бо худ доштани парчам ё онро дар ҳаҷми воқеиаш дар гӯшаи хонаву корхона овезон намудан беҳтарин изҳори муҳаббат ба Ватан ва давлату миллат хоҳад буд.

Ин аст, ки дар аксар мамлакатҳои пешрафтаи имрӯза ҳар як шаҳрванд кӯшиш менамояд, ки дар хонадонаш ҳадди ақал як парчами миллии худро дошта бошад.

Пас мо низ ҳамчун ворисони сазовори яке аз асосгузорони дирафшҳои бузурги шоҳиву давлатӣ дар ҷаҳон бояд аз чунин иқдомоти созанда, ки барҳақ дар роҳи худшиносиву ифтихори миллӣ ва таҳкими давлатдории навинамон саҳми бевосита гузошта метавонанд, васеъ истифода намоем.

**Дӯстони азиз!**

Ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути Нишон, Парчам ва Суруди миллии он дар ҷаҳон муаррифӣ мегардад, зеро ин рамзҳо рамзҳои истиқлолият ва нишонаи асосии давлатдорӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба Парчам маънои арҷ гузоштан ба тамоми арзишҳои миллат, аз ҷумла ниёгони тамаддунофар ва фарҳанги миллии мо аз оғози таърих то ба имрӯз мебошад.

Эҳтироми Парчам эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ аст, зеро Парчам дар баробари Нишон ва Суруди миллӣ аз ҷумлаи рамзҳо ва муқаддасоти давлатӣ ва рамзи баҳамоиву ваҳдатофарӣ маҳсуб мешавад.

Ин аст, ки дар даврони истиқлолият барои боз ҳам боло бурдани нуфуз ва эҳтироми Парчами миллӣ дар ҷомеа, бахусус миёни ҷавонон, аз тарафи Ҳукумати мамлакат тадбирҳои назаррас амалӣ карда шудаанд.

Аз файзи истиқлолият ва неъматҳои муқаддаси сулҳу ваҳдат имрӯз Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ифодакунандаи иқболу истиқлол, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми куҳанбунёду фарҳангии мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудаанд.

Парчами миллӣ имрӯз ҳамчун нишонаи азму иродаи устувори мардум барои ободии кишвари зебоманзарамон аз соҳибихтиёру соҳибистиқлол будани давлати тоҷикон башорат медиҳад.

Парчам нишони сарфарозиҳои мардуми тоҷик, далели шуҳрату иқболи баланд ва шукӯҳафзои истиқлоли кишвар, инчунин баёнгари ормонҳои миллат ва шуълаи имони мардуми бонангу номуси Тоҷикистони соҳибихтиёр мебошад.

Парчам рамзи ҳаёти осоишта, бахту иқболи сафед, умед ба фардои дурахшон ва лоиқи эҳтироми ҳар шаҳрванди худогоҳу худшинос аст.

Парчам барои миллат ахтар ва барои лашкар қудрат аст. Ҷилваи Парчам шабеҳи болафшонии паррандаи бахту иқбол аст.

Аз ин рӯ, мо бояд ҳамеша саъю талош кунем, ки Парчами миллии мо ҳар фарди бонангу номусро ба ифтихор аз давлату давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти миллӣ ва пеш аз ҳама ба ҳифзи дастовардҳои он ҳидоят намояд.

Эҳтиром ва арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолати таърихӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа ба шумор меравад.

Итминони комил дорам, ки минбаъд низ ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвари тоҷик аз Парчами миллии худ ифтихор менамояд, эҳтироми онро ҳамчун рамзи давлату давлатдорӣ, озодиву истиқлоли Ватан ва ҳамчун сарвати гаронбаҳои умумимиллӣ ба ҷо оварда, қадру манзалат ва нақшу эътибори онро ба наслҳои имрӯзу оянда талқин менамояд.

Бо чунин орзуҳои нек ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон сари ҳамчун Парчам баланду рӯйи чун Парчам сурх, рӯзгори мисли Парчам сабзу бахти чун Парчам сафед орзу менамоям.

**Бигзор, меҳру муҳаббати мардум ба Парчами миллӣ, ки рамзи воқеии эътиқоду имон ба давлату миллат, сарзамин ва тамаддуну фарҳанг аст, беш аз пеш афзун гардад.**

**Бигзор, Парчами халқи тоҷик, дирафши фатҳу иршоди тоҷик то абад парафшон бошад!**

**Ҷашни Парчами миллӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

## Таҷрибаи судӣ ва амалияи қонунгузорӣ

Чанде қабл дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Пленуми Суди Олӣ баргузор гардид. Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Абдуллоев изҳор дошт, ки лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, ки ба муҳокима пешниҳод шудаанд, дар асоси ҷамъбасти таҷрибаи судӣ оид ба амалияи татбиқи қонунгузорӣ таҳия гардида, таъмини иҷрои он барои судҳо, мақомоти таъқиби ҷиноят ва шахсони мансабдоре, ки қонуни тавзеҳшударо татбиқ менамоянд, ҳатмӣ мебошад.

Дар ҷаласаи Пленум лоиҳаҳои қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба бандитизм», «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии яроқ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти истисноии давлат мебошад. Тавре аз таҷрибаи судӣ бармеояд, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон дар истифодаи қитъаҳои замин талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба истифодаи замин вайрон намуда, ба хатоиҳо роҳ медиҳанд. Ҳадаф аз қабули қарорҳои зикргардида ин таъмини якхелаи татбиқи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ, инчунин истифодаи самаранок ва мақсадноки замин, таъмини бехатарии шаҳрвандон ва молу мулки онҳо, фаъолияти муътадили сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, муайян намудани манбаъ ва роҳҳои ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба яроқ, лавозимоти ҷангӣ, модда ё воситаҳои тарканда, инчунин дигар сабабу шароитҳо мебошанд, ки барои содиршавии ҷиноятҳои мазкур мусоидат намудаанд.

Дар кори ҷаласаи Пленуми Суди Олӣ прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Шерхони Одина, раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Азизов, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Менглиев, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмад Раҳимов, аъзои Шӯрои илмию машваратии Суди Олӣ, Суди ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе, раисон ва судяҳои шаҳру ноҳияҳо иштирок намуданд.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*





Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**26 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро тасдиқ шуд. Сипас, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С.Раҷабов, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М. Ватанов, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х. Юсуфӣ ва оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия А. Катаев масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва «Дар бораи лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» - ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур таври алоҳида қарорҳо қабул карда, ин масъалаҳоро барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Охунов ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои мазкур қабул гардида, масъалаҳои номбурда барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даъвати ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳо қабул кард.

*Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»*

● Равобити байнипарлумонӣ

## Мавқеи Тоҷикистон равшан ва устувор аст

Дар доираи ин сафар ҳайати вакилони Парлумони Тоҷикистон дар кори ҷаласаи Кумитаи ҳамкории Парлумони Аврупо иштирок намуданд. Роҳбари ҳайати вакилон, муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев дар ҷаласаи мазкур вобаста ба вазъи ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, таҳдидҳои минтақавӣ, аз қабили паҳншавии маводи мухаддир, яроқ ва падидаҳои экстремизм, таҳкими амнияти минтақавӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ суханронӣ кард.

Вай бо изҳори миннатдорӣ аз даъват ба ин ҳамоиши бонуфуз мавқеи ҷониби Тоҷикистонро дар хусуси равандҳои минтақавӣ дар доираи татбиқи Стратегияи нави ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ баён намуд.

Зикр гардид, ки саъю кӯшиши самимӣ ва кӯмаки воқеии Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон дар ҳама самтҳои Стратегияи мазкур дида мешавад.

Тайи ду соли охир, баъд аз эътибор пайдо кардани Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷомеаи Аврупо, дар раванди ҳамкории «Тоҷикистон-Аврупо» пешравии ҷиддӣ ба назар мерасад. Аз хусуси ҷонибдории тавсеаи шарикӣ ва ҳамкорӣ, пеш аз ҳама алоқаҳои бевосита дар сатҳи олӣ – ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Брюссел ва як қатор давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, сафари вакилони Парлумони Аврупо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои Шӯрои ҳамкорӣ, Кумитаи байниҳукуматӣ ва Кумитаи парлумонии ҳамкорӣ ба ин гувоҳӣ медиҳанд.



**Тибқи даъвати Кумитаи ҳамкории Парлумони Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Галия Рабиева ва узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, роҳбари Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Латипов ба шаҳри Брюсселли давлати Белгия сафари корӣ намуданд.**

Татбиқи бомуваффақияти барномаи «Дастури аврупоӣ дар самти демократия ва ҳуқуқи инсон»-ро метавон махсус зикр кард. Инҳо на танҳо лоиҳаҳои бешуморе ҳастанд, ки аз ҷониби ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо татбиқ мегарданд, балки тағйироти куллии дар соҳаи қонунгузорӣ баамаломада аз ин ҷумла низ мебошанд. Дар ин раванд эълон доштани моратория барои ҳукми қатл, механизми ҳуқуқии пешгирии шиканҷа, таъмини баробарии гендерӣ, вохӯриҳои мунтазам дар ҳошияи ҳуқуқи инсон зикр шуд.

Дар баробари ин, А.Миралиев зимни суханронӣ ба вакилони Парлумони Аврупо дар бораи Тоҷикистон, захираҳо ва имкониятҳои рушди ояндаи он мухтасар иттилоъ дод. Дар ҷаҳони имрӯза воситаи асосии таъсир ба мафкураи инсон ин иттилоот мебошад. Бинобар ин, зимни суханронӣ кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки дар бораи кишвар ва мардуми Тоҷикистон, иқтидору захираҳои он, стратегияҳои татбиқшудаистодаи иқтисодию иҷтимоӣ тасаввуроти воқеӣ пайдо шавад.

- Ҳар як давлат стратегияи мушаххаси рушд ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами худро муайян мекунад ва дар ин бобат дастури умумӣ вуҷуд надорад, вале Иттиҳоди Аврупо бо иқтидор ва таҷрибаи бою нодири худ дар ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи минтақа, гирифтани пеши роҳи таҳдидҳои трансмиллӣ, аз қабили терроризм, фурӯши одамон, ҷиноятҳои мансуб ба маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳо метавонад саҳми бузург гузорад, -таъкид дошт А.Миралиев ва афзуд: - Афзалиятҳои муосири рушди Тоҷикистон таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳойӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошанд. Баъд аз заволи системаи ягонаи хоҷагидории Шӯравӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилоти зиёди иқтисодӣ дучор омаданд, ки аксари онҳо бо мурури замон ҳалли худро ёфтаанд, вале масъалаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд. Яке аз чунин масъалаҳои калидӣ истифодаи захираҳои обию энергетикӣ мебошад. Дар Осиёи Марказӣ захираҳои об асоси амнияти миллӣ ва минтақавӣ, омили калидии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва нигоҳдории системаҳои экологӣ ба ҳисоб мераванд.

(Идома дар саҳ. 2)

# Мавқеи Тоҷикистон равшан ва устувор аст

(Идома аз саҳ. 1)

То ба имрӯз номуназзамӣ дар муносибатҳои байни давлатҳои минтақа дар масоили истифодаи захираҳои об боқӣ мондааст, ки ин сабаби асосии ғайрисамаранок идора ва истифода кардани об гардидааст. Тибқи гузориши Барномаи Рушди СММ, бо ин сабаб кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳар сол зиёда аз 1,7 млрд. доллар, ё ин ки ба андозаи қариб 3 фоизи ММД хисорот мебинанд.

Истифодаи захираҳои об дар Осиё Марказӣ яке аз серисрофтарин манбаъҳо дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Сабаби асосии он истифодаи технологияи кӯҳнаи обёрӣ ва самаранокии ниҳоят пасти системаҳои обёрӣ мебошад. Барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ назар ба дигар давлатҳо 2,5-3 маротиба зиёд об сарф мешавад. То 60 фоизи ҳаҷми оби кишоварзӣ ҳангоми интиқол ба майдонҳои обёрӣ нобуд мегардад. Дар баъзе минтақаҳои давлатҳои поёноб ин нишондод ба андозаи ҳайратангез - то ба 80 фоиз мерасад, яъне коэфитсиэнти фоиданокии об ҳамагӣ 20 фоизро ташкил медиҳад.

Амалан фоҷиаи Баҳри Арал дар натиҷаи нодуруст пеш бурдани сиёсати аграрӣ ва ғайриоқилона идора кардани захираҳои об ба вуҷуд омадааст. Вазъияти бuҳрони Баҳри Аралро шумораи зиёди обанборҳо ва ҳавзҳои худ аз худ дар натиҷаи хунукназарона истифода бурдани захираҳои об пайдошуда бештар ташвишовар намудааст. Шумораи чунин обанбору ҳавзҳо аз 100 гузашта, ҳаҷми оби дар онҳо ҷамъшуда аз ҳаҷми имрӯзаи Баҳри Арал ду маротиба зиёд мебошад. Танҳо дар кӯлҳои Айдаркӯл, Арнасой ва Сариқамиш қариб 90 млрд. метри мукааб об ҷамъ шудааст, ки ин ба ҳаҷми Баҳри Арал баробар мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки таҳти сарпарастии СММ ташхиси маҷмӯии ҳолати воқеии буҳрони ҳавзаи Баҳри Арал, системаи кӯҳнашудаи обёрии Осиёи Марказӣ, обанборҳои бешумор ва дар маҷмӯъ вазъи экологии баамаломада гузаронида шавад.

Омили дигари муҳим, ки ба захираҳои оби минтақа таъсири бевосита мерасонад, ин оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим мебошад. Масъалаи мазкурро махсус зикр намуда, А. Миралиев таъкид доштанд, ки тибқи мушоҳидаҳо захираи пиряххои Осиёи Марказӣ, ки 60 фоизи он дар ҳудуди Тоҷикистон воқеъ гардидаанд, дар зарфи 50 соли охир сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Ин омил дар таъмини минтақа бо об, ки дарёҳои он асосан дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд, таъсири ниҳоят ҷиддӣ дорад.

Масоили гидроэнергетикаро махсус зикр намуда, А.Миралиев иброз дошт, ки Тоҷикистон дар баҳсҳои атрофи сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ бетараф буда наметавонад. Масалан, баҳсҳо дар хусуси таъсири Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба вазъи экологии давлатҳои поёноб. Вобаста ба ин зикр гардид, ки мавҷуд набудани маълумотҳои кофӣ ва саҳеҳ сабаби асосии ташаккули афкори манфӣ ва нобоварӣ байни кишварҳои минтақа гаштааст.

Аҳамияти аввалиндарҷаи рушди гидроэнергетика барои Тоҷикистон аз он бармеояд, ки таъминот ба ҳар сар аҳолӣ дар кишвар аз ҳама пасттарин мебошад. Масалан, тибқи маълумоти Оҷонсии байналмилалии энергетикӣ, агар истеъмоли энергия дар Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ баробар бошад, дар Тоҷикистон ин нишондод 13 маротиба кам мебошад. Аз рӯйи ин нишондод Тоҷикистон ҳатто аз давлатҳои Африқо поёнтар аст.

Имрӯз барои дар навбати аввал пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ бо қувваи барқ 1500 мегаватт иқтидор ё ин ки 5 млрд. кВт/соат, бе назардошти таъмини фаъолияти бонизоми дигар соҳаҳо ва рушди саноат, дар як сол зарур мебошад.

Зимистони соли сипаришуда мардуми Тоҷикистон аз ҳолатҳои якчанд рӯз бе гармӣ ва барқ мондани баъзан маҳалҳои аҳолинишини кишварҳои Аврупо сахт мутаассир гаштанд. Мардуми Тоҷикистон чунин ҳолатро хуб дарк менамоянд, чунки худ чандин сол бо сабабҳои муайян дар чунин шароит зиндагӣ дорад. Бо фарорасии фасли сармо аз норасоии қувваи барқ дар манотиқи зиёди кишвар маҳдудияти таъмини барқ ҷорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ мебошад, ба охир расонидани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад, -таъкид намуд А.Миралиев.

Дар ин замина вай илова кард, ки лоиҳаи НБО-и «Роғун» бо ташаббуси давлатҳои поёноб, дар институтҳои лоиҳакашии ин давлатҳо ва пеш аз ҳама барои манфиати ин давлатҳо ба нақша гирифта шуда буд. Тибқи лоиҳа, истеҳсоли қувваи барқ маҳсулоти дуюмдараҷа ба ҳисоб рафта, мақсади асосӣ танзими об барои обёрии бештари заминҳои давлатҳои поёноб буд. Бинобар ин, даъвоҳо дар хусуси барои ҷумҳуриҳои поёноб зараровар будани НБО-и «Роғун», ҳадди ақал бемаънӣ менамоянд.

НБО-и «Роғун» кафолати обёрии беш аз 3 млн. гектар заминро дар солҳои камобӣ ва хушксолӣ ва аз худ кардани 400 ҳазор гектар заминҳои навро барои давлатҳои поёноб медиҳад. Илова бар ин, тасмим гирифта шудааст, ки барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза талаботи рӯз аз рӯз афзоишёбандаи пеш аз ҳама ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро метавонад қонеъ гардонад.

Барои Тоҷикистон НБО-и «Роғун» дар қатори таъмини истиқлолияти энергетикӣ ин кафолати рушди иқтисодӣ, муҳайё гаштани имкониятҳо барои ҳалли бештари дигар масъалаҳо, аз ҷумла таъмини суботи экологӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таҳкими демократия дар ҷомеа мебошад.

Бинобар ин, бори дигар зикр гардид, ки ҳамкории минтақавӣ ва эътирофи манфиатҳои якдигар дар масоили обию энергетикӣ барои рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ имкониятҳои бузург фароҳам меорад.

Чунин нуқтаи назар ба Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ, ки зарурати таҳияи сиёсати бо ҳам наздиккардашудаи истифодаи захираҳои об аз рӯйи принсипи «ҳамраъйии давлатҳои болооб ва поёноб»-ро таъкид менамояд, мувофиқ мебошад.

Ҳарчанд Тоҷикистон имрӯз ба конвенсияҳои Аврупоии об аъзо нест, кишвари мо дар амал содиқ будани худро ба принсипҳои санадҳои мазкури ҳуқуқи байналмилалӣ, ки принсипи асосии онҳо ҳамкорӣ мебошад, нишон дода истодааст. Ин, пеш аз ҳама, ба НБО-и «Роғун» иртибот дорад.

-Ақидаи мо чунин аст, ки тамоми масъалаҳои ба ин лоиҳа алоқаманд, агар онҳо характери минтақавӣ дошта бошанд ва умуман тамоми масоили истифодаи захираҳои обию энергетикӣ дар минтақа бо роҳи муошират ва ҳамкории созанда бояд ҳал гардад, - иброз дошт А.Миралиев.

- Имрӯз бо дархости Тоҷикистон Бонки Ҷаҳонӣ арзёбии иқтисодию техникӣ ва иҷтимоию экологии НБО-и «Роғун»-ро анҷом дода истодааст. Аллакай ду маротиба дар сатҳи минтақавӣ бо иштироки тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муҳокимаҳои ошкорои ин лоиҳа баргузор гардид. Таҷрибаи ҷаҳонӣ чунин муҳокимаи васеи лоиҳаро дар хотир надорад ва амали мазкур аз ҷониби Тоҷикистон маҳз ба хотири таҳкими фазои боварӣ, пеш аз ҳама байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷалби сармоягузорон ва шарикон пиёда шудааст.

Дар идомаи баромади худ А. Миралиев таъкид дошт, ки дар оғози асри XXI манбаи паҳншавии таҳдидҳои барои қитъаи Аврупо хатарнок – паҳншавии моводи мухаддир ва ярок, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, фурӯши одамон ва дигар таҳдидҳо берун аз ҳудуди он мавқеъ доранд. Ин воқеият андешидани чораҳои саривақтӣ ва таъсирбахшро тақозо дорад.

Масалан, имрӯз мушкилоти Афғонистон ҳамаи давлатҳои узви Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупоро ба худ кашидааст. Тоҷикистон бо Афғонистон қариб 1400 км сарҳад дошта, дар хатти пеши ин таҳдидҳо қарор гирифтааст. Шурӯъ аз соли 2005, баъди хурӯҷи қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия, аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон қариб 29 тонна моводи мухаддир мусодира шудааст, ки қариб 10 тоннаи онро моводи сахттаъсири героин ташкил медиҳад. Ин назар ба солҳои пешин бамаротиб зиёд буда, аз таваҷҷуҳи доимӣ ва андешидани чораҳои қатъӣ нисбати ҳифзи сарҳад ва гирифтани пеши роҳи ҷиноятҳои байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад.

Тоҷикистон стратегияи барқарорсозии баъдиҷангии Афғонистонро ҷонибдорӣ менамояд. Омили муҳим дар роҳи таъмини суботи комил дар Афғонистон - ин ба равандҳои минтақавии интегратсионӣ, рушди тиҷорат ва ҳамкориҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама бо давлатҳои ҳамсоя фаро гирифтани ин давлат мебошад.

Тоҷикистон ҷонибдори роҳи мусолиҳатомези барқарор сохтани иқтисодиёт ва ҳаёти осоишта дар ин давлати ҳамсоя аст. Дар иртибот ба ин истифодаи иқтидорҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон бо мақсади барқарорсозии иқтисодиёти дар натиҷаи ҷанги тӯлонӣ хаpобгаштаи Афғонистон метавонад омили бузурги пешравии иқтисодиёт, таъминкунандаи сулҳ ва субот дар минтақа гардад.

Зимни посух ба саволҳои вакилони Парлумони Аврупо бори дигар зарурати иштироки якҷояи давлатҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама Аврупо ва минтақаи Осиёи Марказӣ, дар ҳалли қазияи Афғонистон, бартарафсозии таҳдидҳои глобалӣ, ҳалли мушкилоти обию энергетикӣ тавассути муколама ва ҳамкории созанда зикр карда шуд.

***Р. ЛАТИПОВ,***
***вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***



# Сафири нави Корея дар Маҷлиси намояндагон

**Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Махфират Хидирова бо Сафири нави Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ҷон Деван мулоқот намуд.**

Тибқи иттилои Хадамоти матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни мулоқот масъалаи таҳкими ҳамкориҳои байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони Ҷумҳурии Корея баррасӣ шуд. Дар ин робита Махфират Хидирова густариш ёфтани муносиботи байнипарлумонии миёни Тоҷикистон ва Кореяро ба нафъи ҳар ду кишвар арзёбӣ карда, изҳор дошт, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо бисёр парлумонҳои кишварҳои мутараққии ҷаҳон равобити ҳасанаро ба роҳ мондааст.

– Аз ҷумла,- гуфт Махфират Хидирова,- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон бо парлумони Ҷумҳурии Корея гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис додааст.

Ҳамзамон Махфират Хидирова аз сафари ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба Ҷумҳурии Корея (моҳи июни соли 2011) ёдовар шуда, изҳор дошт, ки ин сафар дар китоби таърихи ҳамкориҳои байнипарлумонии ду кишвар саҳифаи нав боз намуд.

Мавсуф роҷеъ ба мавриди амал қарор гирифтани қарордодҳои имзошудаи байни ду кишвар изҳори назар карда, таъкид дошт, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди мавриди амал қарор гирифтани тамоми созишномаҳои ҳамкорие, ки бо мамлакатҳои дигар, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Корея, ба имзо расидаанд, аз ҷараёни иҷрои онҳо бохабар аст.

Сафири нави Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ҷон Деван аз сатҳу сифати ҳамкориҳои байнипарлумонии кишвараш бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, хоҳони тақвияти ҳар чӣ бештари ин муносибот шуд.

Дипломати кореягӣ таъкид дошт, ки ба ҳайси сафири нави ин кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми имконоти барояш мувофиқ истифода менамояд, то равобити миёни ҳар ду кишвар боз ҳам бештар тақвият ёбад.

–Мо аз мавҷуд будани гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни парлумонҳои кишварҳоямон хушҳол ҳастем, аммо, ба назари мо, имрӯз замони он расидааст, ки доманаи ин равобит ҳар чӣ бештар васеъ бошад, - изҳор дошт сафири Корея.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Мусоҳибаи мо

# Муъминобод бо Чилдухтаронаш ободу зебо мешавад,

## -мегӯяд раиси ноҳияи Муъминобод Пирмад Зарифов

**-Муҳтарам раис, наздик ба як сол мешавад, ки сарварии ноҳияи Муъминободи хушманзараро ба уҳда доред ва тӯли ин муддат бо тамоми самтҳои ҳаёти ноҳия шинос шуда, ҳоло барои беҳбудӣ бахшидани онҳо ҷаҳду талош доред…**

-Сараввал аз амалҳои неки ба анҷом расонидаи собиқ раиси ноҳия Сафаралӣ Зокиров изҳори сипос ва қаноатмандӣ мекунам. Талошҳои ин марди меҳнатдӯсту ростқавл баҳри рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия ба касе пӯшида нест. Воқеан ҳам, Сафаралӣ Зокиров вобаста ба имконоти мавҷуда барои ободӣ ва шукуфойии Муъминобод кори зиёдеро ба анҷом расонидааст. Вазифаи мо аз он иборат аст, ки ин талошҳои бунёдкоронаро идома дода, сазовор ба боварии мардум гардем.

Муъминобод ноҳияи зебову хушманзара буда, соҳиби хоку обест, ки барои рушди соҳаи кишоварзӣ хеле мувофиқу мусоид аст. Дар чунин табиати бою рангин умр ба сар бурдану аз каму кости зиндагӣ шикоят кардан нишони заифию камоли носипосии бошандагони он аст. Агар ин обу хокро оқилонаю самаранок истифода бурда тавонем, имонам комил аст, ки дар зиндагӣ ба чизе эҳтиёҷ намемонад.

Дили кас ба чунин табиат, ки барои рушди соҳаи кишоварзӣ мувофиқ ҳасту аммо аз он чандон самаранок истифода бурда наметавонем, сахт месӯзад. Мо ҷалби мардумро барои истифодаи оқилонаю самараноки замин вазифаи нахустдараҷаи хеш меҳисобем ва агар ин амалро ба сомон расонида натавонем, рушди иқтисодиёти ноҳияро интизор шудан аз имкон дур аст.

**- Дар ноҳия мавсими ҷамъоварии ҳосили аксар намуди зироату маҳсулоти боғдорӣ ба анҷом расид. Натиҷаҳои он чӣ гуна аст?**

- Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар маҷмӯъ маблағи 275,4 миллион сомониро ташкил намуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 24,6 миллион сомонӣ зиёд мебошад. То имрӯз дар хоҷагиҳои ноҳия 27612 тонна ғалла истеҳсол шудааст, ки ин рақам аз нақша 2033 тонна зиёд аст. Деҳқонон ҳамчунон 2758 тонна полезиҳо, 11400 тонна сабзавот, 3200 тонна мева, 1970 тонна ангур ва 16557 тонна картошка ҷамъоварӣ карданд.

Табиати ноҳия барои парвариши картошка бисёр мувофиқ аст бинобар



ин, соли ҷорӣ дар майдони 1200 гектар замин кишти картошка гузаронидем ва ҳосили хуб ба даст омад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки давоми ду даҳсолаи охир ин бори аввал мешавад, ки нишондоди дар боло зикршударо соҳиб гардидем.

Сарфи назар аз ин, кор на дар ҳама самтҳои кишоварзӣ хуб аст. Бахусус дар соҳаи боғу токпарварӣ камбудии зиёд ба чашм мерасад. Чунончӣ, ба ҷойи 59 гектари нақша ҳамагӣ 8,4 гектар токзор бунёд шудаасту халос. Ин ҳолатро ба назар гирифта, мо назди роҳбарони хоҷагиҳо масъала гузоштаем, ки ин камбудиро, сарфи назар аз чигунагии шароит, соли оянда ислоҳ намоянд. Насли калонсоламон шуҳрати ангури хуштаъми Муъминободро то ҳол фаромӯш накардаанд. Он солҳо дар корхонаи шаробкашии ноҳия аз ангур шароби хеле босифат истеҳсол шуда, ба тамоми гӯшаву канори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ содирот мегардид ва даромадаш дар боло рафтани иқтисодиёти ноҳия нақши арзандаро соҳиб буд.

**- Имсол чӣ қадар маҳсулоти кишоварзӣ берун аз ноҳия содирот шудааст?**

- Берун аз ноҳия 640 тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот гардид, ки 64 фоизи нақшаро ташкил менамояд. Алҳол мо дар ин самти муҳим тадбиру чора андешида истодаем. Аслан содироти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва чорводории ноҳия дар ҳудуди минтақа, вилоят ва кишварамон сурат мегирад. Мо мақсад дорем ҳаҷми содиротро васеъ намоем. Ҳоло дар ноҳия ду корхонаи коркарди мева фаъолият дорад, ки барои истеҳсоли намудҳои гуногуни меваи хушк, мураббо, оби мева ва хӯришҳои ҳархела махсус гардонида шудааст. Ҳамчунин мо як гурӯҳ соҳибкоронро ба бунёди корхонаҳое, ки дорои таҷҳизоти муосири технологӣ мебошанд, ҷалб намуда истодаем.

**- Соҳаи чорводорӣ чӣ вазъ дорад?**

-Алҳол дар хоҷагиҳои чорводорию паррандапарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ 32313 сар чорвои калон, 107273 сар моли майда, 3243 сар асп, 98266 сар парранда ва 5741 оилаи занбӯри асал мавҷуд аст. Давоми соли ҷорӣ 4291 тонна гӯшт, 81926 тонна шир, 283 тонна пашм, 1,09 миллион дона тухм, 67,6 тонна асал истеҳсол гардидааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбати ҳамин давраи соли гузашта хеле зиёданд. Чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва сердаромади ноҳия маҳсуб меёбад.

**-Аз хусуси фаъолияти маорифчиён ва кормандони соҳаи тандурустӣ чӣ метавон гуфт?**

-Дар 57 таълимгоҳ 18734 нафар хонанда аз ҷониби 1163 нафар омӯзгор ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Тадбирҳои андешида кори таълиму тарбияро дар мактабҳои ноҳия беҳ намуд. Мушкилоти нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ низ каме коҳиш ёфта, муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоту ашёи хониш таъмин гардиданд.

Шифохонаи марказӣ соҳиби бинои наву зебо буда, бо асбобу анҷоми замонавии ташхисӣ муҷаҳҳаз мебошад. Дар муассисаҳои тиббӣ 53 нафар табибони маълумоти олидор ва 311 нафар кормандони миёнаи тиб кору фаъолият мекунанд. Дар назди шифохонаи марказӣ филиали Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб амал мекунад, ки барои бо мутахассисони миёнаи тиббӣ таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия хеле кӯмак мерасонад.

**- Соли гузашта Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба ба ноҳияи Муъминобод сафари корӣ дошт ва дар мавзеи афсонавии Чилдухтарон санги асосро барои бунёди осоишгоҳ гузошта буд. Ҳоло вазъи сохтмони ин осоишгоҳ чӣ гуна аст?**

- Кори лоиҳакашӣ андаке тӯл кашид ва як моҳ қабл сохтмон дар ин мавзеъ оғоз шуд. Боварӣ ҳаст, ки соҳибкор Абдуғаффор Идиев бунёди осоишгоҳи худро бо номи «Баҳористон» дар муҳлати муқарраргардида ба анҷом мерасонад. Бо бунёди ин осоишгоҳ мавзеи Чилдухтарон ободу зебо шуда, макони дӯстдоштаи сайёҳон мегардад.

Дар робита гуфтаниам, ки табиати хушманзараи Муъминобод имкону шароит медиҳад, ки ин соҳаи муҳими сердаромад ривоҷу тараққӣ ёбад. Масалан, дар атрофи кӯли сунъиамон, ки масоҳати 100 гектарро ташкил мекунад, сохтани якчанд осоишгоҳ мумкин аст. Аллакай баъзе соҳибкорон ба ин амали хайр камар бастаанд ва аз ҷониби онҳо дар атрофи кӯл се меҳмонхонаи хурд омодаи қабули меҳмонон мебошад.

Чанд рӯз пеш дар Туркия будам ва воқиф гардидам, ки яке аз шоҳсутунҳои иқтисодиёти ин давлати пешрафтаи мусулмониро маҳз соҳаи туризм ташкил менамояд. Мо ҳам дар ин самт ба фаъолият шурӯъ кардем ва дар навбати аввал қарор додем, ки мардумро ба худи мафҳуми туризму сайёҳӣ ошно карда, тоҷирону соҳибкорон, косибону дӯзандагони асбобу ашёҳои миллиро ба ин самт ҷалб созем. Роҳҳоямонро низ вобаста ба имкон таъмиру тармим кардем.

**-Дар интиҳои суҳбат чӣ гуфтанӣ доред?**

- Гуфтаниҳо зиёданд, аммо мехоҳам, ки танҳо маънии як нуктаро аз он қиссаи мардуми Муъминобод ва минтақаи Кӯлоб дар хусуси чӣ гуна дар лаҳзаҳои охири набард ба санг табдил ёфтани ҷисми чил духтари мубoризи мардафкан, ба хотири ҳимояи марзу буми хеш аз душманони хунхору ғаддор ва ном гирифтани мавзеъ ба Чилдухтарон, андаке ёдрас шавам. Намедонам, амри тасодуф буд ё худ андешаи волои филмсози машҳурамон шодравон Борис Кимёгаров, ки қисмати хотимавии филми «Рустам ва Сӯҳроб» дар домони ҳамин кӯҳи Чилдухтарон наворбардорӣ шудааст. Дар набарди падару писар Рустам аз ноогоҳӣ ва макри душманон сабабгори марги фарзанд гардид.Таҳамтан аз ҳилаву найранги қудратмандони замон воқиф мешавад ва рӯй ба осмон карда, бо албонҷи бозувони паҳлавонафканаш бо ғазаб доду фарёд мезанад. Ин лаҳза мебинем, ки дар ҷавоби наъраи дилхароши Рустам аз ҷониби кӯҳи Чилдухтарон акси садои маҳзун баланд мегардад. Ин фоҷиа буд, фоҷиае, ки Фирдавсии бузург дар симои падару писар ба ворисону пасомадагони ин марзу бум хушдор дода буд. Ҳушдор ба ҳушёрию зиракӣ.

Сар задани он ҷанги шуми бародаркуш маҳз натиҷаи хусумату макри душманони азалии миллатамон буд, ки чун Рустаму Сӯҳроб писарро бо падар ва бародарро бо бародар даст багиребон кард. Хушбахтона, бо шарофати Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон миллати башӯромада ба худ омад ва тахти сарварии фарзанди фархундапайи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ин рӯзҳои нек расидем. Шукр, ки худогоҳу хештаншинос шудем ва имрӯз ин сифати нек моро ба бунёдкориҳои нав ҳидояту раҳнамойӣ дорад. Он рӯз ҳам дур нест, ки Муъминободи хушманзараи мо бо мавзеи афсонавии Чилдухтаронаш ба яке аз гӯшаҳои ободу зебои диёр табдил меёбад.

***Нурулло ҲАСАНОВ,***
***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ,***
***«Садои мардум»***

● Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ШАРИФОВА Фотима**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Палдорак №189, ноҳияи Мастчоҳ**

Соли 1925 дар деҳаи Палдораки ноҳияи Мастчоҳ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Аз соли 1960 то соли 1962 ҷонишини раиси артели хоҷагии деҳоти ба номи Калинин, колхозчии бригадаи пахтакорӣ кор кардааст.

Узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Калинини Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Мастчоҳ буд.



**БОҲИРОВ Солеҳҷон Боҳирович**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Янтоқ №190, ноҳияи Мастчоҳ**

Соли 1923 дар деҳаи Кӯчкаки ноҳияи Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ олӣ.

Котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Пролетар, ҷонишини вазири маориф, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Мастчоҳ, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Мастчоҳ буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳои «Барои хизмати ҷанговарона», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шоён», «Барои мудофиаи Москва», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**АБИРОВ Кароматулло**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ватан №191, ноҳияи Москва**

Соли 1912 дар деҳаи Куркудаки ноҳияи Данғара таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Раиси Комиҷроияи Шӯрои деҳоти вакилони меҳнаткашони Деҳқонариқ, Ватан, раиси колхози ба номи Лоҳутӣ, агроном, мудири фермаи асппарварӣ, мудири қитъа, раиси колхози «Съезди XVIII партия»-и Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Москва буд.

Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ТРЕТЯКОВ Борис Сергеевич**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Гулистон №192, ноҳияи Москва**

Соли 1906 дар шаҳри Коломнаи вилояти Москва таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Сармуҳандиси комбинати бофандагии шаҳри Душанбе, ҷонишини якуми вазири саноати сабук ва хӯрокворӣ, ҷонишини раиси Госплани Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**КОВАЛ Иван Григоревич**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Деҳқонариқ №193, ноҳияи Москва**

Соли 1913 дар вилояти Одесса таваллуд ёфтааст. Миллаташ украин, таҳсилоташ олӣ.

Котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Кировоград, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Кировоградi ҲК Украина интихоб шудааст. Баъд инструктор, инструктори КМ КПСС шуда кор кард. Аз соли 1961 котиби дуюми КМ ҲК Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Ҷанги Ватании дараҷаи II, Ситораи Сурх ва медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои ғалаба бар Япония», «Барои мудофиаи Киев» мукофотонида шудааст.



**САФАРОВ Гадо**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Киров №194, ноҳияи Москва**

Соли 1913 дар деҳаи Ҳазрати Имоми ноҳияи Москва таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Аз соли 1932 намояндаи фаврии шуъбаи ноҳиявии Комиссариати халқии корҳои дохилӣ, аз соли 1939 то соли 1958 мудири ферма, ҷонишини раис ва аз соли 1958 раиси колхози «Ҳаёти Нав»-и Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Москва шуда кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**МУҲАММАДОВ Тоҳир Муҳаммадович**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ломанов №195, ноҳияи Москва**

Соли 1912 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Мушовири калони Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, ҷонишини вазири хоҷагии оби ҷумҳурӣ, вазири хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва бо се Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ХОЛОВ Маҳмадулло**
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Москва №196, ноҳияи Москва**

Соли 1920 дар деҳаи Болошаҳри ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Обигарм ва Москва, раиси Комиҷроияи ноҳияи Куйбишев, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Москва кор кардааст. Раиси Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Барои хизматҳои ҷангӣ», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78.**

# ПАРЧАМИ МИЛЛӢ КАЙ ВА ДАР КУҶО АФРОХТА МЕШАВАД?

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи расмии ҳокимияти давлатӣ буда, ифодагари соҳибихтиёрии давлатамон мебошад. Масъалаҳои асосии танзими давлатии Парчами давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дарҷ гардидааст ва қонуни мазкур танзимгари тамоми масъалаҳое мебошад, ки дар рафти истифодабарии Парчами давлатӣ ба вуҷуд меоянд. Қонуни номбаршуда 12 майи соли 2007 таҳти № 254 қабул шудааст ва тартиби истифодабарӣ, афрохтан, тайёр намудан ва ҷавобгарӣ барои муносибати беҳурматона, таҳқири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Мутобиқи қонун, Парчами давлатиро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар кардааст, ки тартиби тайёр кардан, андоза ва истифодаи Парчам, нашри оммавии тасвири он, нигаҳдории Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Нисбати масъалаи афрохтани Парчам дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» якчанд меъёрҳо вуҷуд доранд.

Афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ дар ҷойҳои зерин муқаррар карда шудааст: дар боло ё пештоқи бино ва ё ба пояи махсус дар ҳавлии қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷуҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва монанди инҳо.

Муқаррароти дигар, ин мумкин будани афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои истироҳатии шаҳрвандон, боғҳо, хиёбонҳо, гулгаштҳо ба сифати рамзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Инчунин дар вақти афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парчами ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё дигар шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, паҳно ва баландии ин парчамҳо набояд аз паҳно ва баландии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон калон бошад. Ҳангоми дар як вақт афрохтани шумораи тоқи парчамҳо Парчами давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон дар мобайн ва дар мавриди афрохтани шумораи ҷуфти парчамҳо аз марказ дар тарафи чап ҷой дода мешавад.

Дар вақти маросими мотами шаҳрванди фавтида (ҳалокгардида), аз рӯйи эҳтироми ҳарбӣ, ки Оинномаи ҳарбӣ пешбинӣ намудааст, тобути марҳум бо Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пӯшонида шуда, пас аз гӯронидан Парчами давлатӣ ба наздикони марҳум дода мешавад. Дигар ҷойҳое низ мавҷуданд, ки қонунгузорӣ афрохтани Парчами давлатиро муқаррар намудааст. Дар моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин оварда шудааст: «Тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад:

- дар ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва киштиҳое, ки дар қайди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд»; (Парчами давлатӣ ин рамзи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва ҳангоме ки ҳавопаймо ё чархболи давлати мо дар ҳудуди давлати дигар фуруд меояд, бояд аён шавад, ки онҳо дар тобеияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.)

-дар асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматнок ва лотереяҳои пулию молии давлатӣ;

- дар нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

-дар аломатҳои қайди давлатии воситаҳои нақлиёт, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Албатта, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, вуҷуд дорад. Мисол, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» риояи талаботи қонуни мазкур ба зиммаи роҳбарони мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Яъне, агар тартиби истифодабарӣ, тайёр намудан ё афрохтани Парчами давлатӣ вайрон карда шавад, дар ин ҳолат шахсоне, ки ба ин хатоҳо роҳ додаанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои таҳқири рамзҳои давлатӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, барои таҳқири рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима ба андозаи панҷсад маоши ҳадди ақал ё маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то як сол ҷазо дода мешавад. Сабаби чунин ҷазо дар он аст, ки обруй ва эътибори давлатӣ халалдор карда шудаанд.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки эҳтироми волои Парчам ин ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва дар ҳама ҳолат бояд бо Парчами давлатӣ тавре муносибат кард, ки нисбати он беҳурматӣ зоҳир нашавад.

***Сарвиноз ИСОМАТОВА,***
***мутахассиси пешбари Сарраёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Қонун ва иҷрои он

# САНАДЕ, КИ ДАР АМРИ БОЗГАШТИ ГУРЕЗАҲО НАҚШИ МУҲИМ ДОШТ

**Яке аз муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» таҳти №708 аз 24 ноябри соли 1992 мебошад. Сардори тозаинтихобшудаи давлат Эмомалӣ Раҳмон дарк мекард, ки мушкилоти гурезаҳо ва ҳалли онҳо яке аз омилҳои асосии ба эътидол овардани вазъи кишвар ва расидан ба сулҳ мебошад. Бо чунин назардошт, аз лаҳзаи нахустини фаъолият бо садоқату самимият ва қатъӣ иброз дошт: «То охирин гуреза ба Ватан барнагардад, худро ҳамчун Роҳбари давлат ором ҳис намекунам».**

Санаи 23 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи депутатӣ оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ба ҷойҳои истиқомати доимиашон бозгаштани гурезаҳо» таъсис шуд. Ин комиссия лоиҳаи қонунро таҳия намуда, барои баррасӣ ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» 24 ноябри соли 1992 қабул гардид, ки фарогири ҳафт банд буд. Тибқи қонуни мазкур, мақоми гуреза ба шахсоне дода мешавад, ки дар натиҷаи вазъи номуътадили сиёсӣ ва мухолифати мусаллаҳона маҷбуран маҳалли зисти доимиашонро тарк кардаанд. Мақоми гуреза ба шаҳрвандон аз тарафи мақомоти умури ҷумҳуриявии муҳоҷират, мувофиқи тартиби муқарраршуда, дода мешавад.

Тибқи банди 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор шуда буд, ки тартиби ба маҳалҳои зисти пештараашон бозгаштани гурезаҳоро таҳия ва ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 1993 моддаи хароҷоти вобаста ба бозгашти гурезаҳоро пешбинӣ кунад.

Ба оилаи гурезаҳое, ки бе манзил ва амвол мондаанд, баъди ба маҳалҳои зисти доимиашон баргаштан барои сохтмон, харидани хонаи истиқоматӣ, эъмори иморатҳои рӯиҳавлигӣ, барқарор кардани иморатҳои вайроншуда, харидани амвол, чорво ва дигар мақсадҳо ба маблағи 100 ҳазор сӯм бо муҳлати пардохт дар муддати 20 сол аз соли чоруми баъди гирифтани қарз, қарзи имтиёзнок дода шавад.

Ҳама гуна шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, колхозу совхозҳо, корхонаю ташкилотҳо ва кооперативҳо ба андозаи маблағи ёрии ба оилаи гурезаҳо расонидаашон аз пардохти тамоми намуди андоз, ба истиснои андози даромад, озод карда шаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати савдо, «Тоҷикматлубот» барои пурра кардани маблағҳои гардонашон қарзи дарозмуддати имтиёзнок ҷудо намоянд. Мақомоти умури дохила ва амният, ҳукуматҳои вилоят, шаҳру ноҳияҳо ба гурезагон дар кори ба маҳали зисти пештарашон баргаштан ҳамаҷониба ёрӣ расонанд ва амнияти онҳоро таъмин намоянд.

Барномаи мушаххасу мукаммалро барои аз буҳрони сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ берун баровардани Тоҷикистон Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Иҷлосия иброз намуд, ки яке аз нуктаҳои асосии он «баргардонидани гурезаҳо ба шаҳру деҳот ва манзили худ, онҳоро бо сару либос, хӯрокворӣ таъмин намудан, барои кори бонизом дар роҳи барқарор кардани харобазорҳо шароит фароҳам овардан» буд. Барои иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» якчанд санадҳои зерқонунӣ таҳия ва қабул шудааст.

Фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар бахши кӯмак ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои гурезаҳо назаррас буд. Кормандони прокуратура барои ба низом овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар кишвар, хусусан рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо»-ро мавриди санҷиш қарор дода, ҳимоя ва риояи ҳуқуқҳои онҳоро имконпазир гардонида, ба ин восита баро*/ ихтиёран ба ҷумҳурӣ баргардонидани ҳазорҳо нафар гуреза замина гузоштанд.

Бо даҳолати бевоситаи прокуророн ва дигар коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зиёда аз 10 ҳазор хонаҳое, ки аз тарафи дигар шаҳрвандон ғайриқонунӣ ғасб шуда буд, ба соҳибони аслиашон (гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ) баргардонида шуд. То 1-уми сентябри соли 1997 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 142 ҳазор нафар гуреза ба ҷойи кор таъмин карда шуд.

Махсусан дар ин давра фаъолияти прокуратураҳои ноҳияи Шаҳритус ва шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар бахши назорат ва риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ва «Дар бораи муҳоҷирони иҷборӣ» лоиқи таҳсин ва омӯзишу истифодаи таҷрибаи беҳтарин дониста шуд.

Прокуратураҳои ноҳияи Шаҳритус ва шаҳри Қӯрғонтеппа тӯли солҳои 1993-1995 дар бахши иҷрои талаботи қонуни мазкур барои ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии ашхоси аснои низоъҳои ҳарбӣ зарардида дар ҳамоҳангсозӣ бо дигар мақомоти қудратӣ тадбирҳои зарурӣ андешиданд. Онҳо махсусан масъалаҳои қонунгузории меҳнат, манзил, тақсимоти кӯмакҳои башардӯстона ва пардохти ҷуброн ба гурезаҳоро мавриди санҷиш қарор доданд.

Бо эътирози прокурори шаҳри Қӯрғонтеппа 1665 гуреза ва прокурори ноҳияи Шаҳритус беш аз 140 нафар гуреза, ки ғайриқонунӣ аз корхонаю муассисаҳо аз кор ронда шуда буданд, ба ҷои корашон барқарор шуданд.

Прокуратураи шаҳри Қӯрғонтеппа давоми солҳои 1993-1995 баҳри риоя ва иҷрои дақиқи қонунгузории манзил санҷишҳо гузаронид ва 99 даъвои гурезаҳоро дар бахши ҳуқуқ ба манзил бо тартиби маъмурӣ ва 18 аризаи даъвоиро бо тартиби судӣ қонеъ гардонида, бо тартиби фаҳмондадиҳӣ 260 хонаю квартираи гурезаҳоро ба соҳибони аслиашон баргардонид. Прокуратураи ноҳияи Шаҳритус дар ин давра 163 хонаро ба гурезаҳо ва 9 техникаро, ки барои кори кишоварзӣ пешбинӣ шуда буд, баргардонид.

Ҳамин тариқ, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , сарфи назар аз вазъи ногувори ҷомеа, бӯҳрони иқтисодию иҷтимоию фарҳангӣ, дар амри таҳияи қонунҳои дархӯри ҷомеа саҳми намоён гузошт. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» барои ҳар як шаҳрванди гурезаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ҳуқуқу озодиро таъмин менамуд.

***Маҳмадёр РАҶАБОВ,***
***мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ***

# МАВОД ОИД БА ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХӢ

Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Иҷлосияи сарнавиштсоз» феҳристи адабиётро ба табъ расонид, ки дар он маводҳои тайи солҳои 1992-2012 банашррасида ҷамъоварӣ шудааст. Китобро Шариф Комилзода ва Моҳира Акобирова таҳия карда, он зери назари Носирҷон Салимов рӯйи чоп омадааст.

Дар мақолаи муқаддимавии Н. Салимов ва Ш. Комилзода аз боби сабақҳои таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳаввулоти бунёдии тӯли 20 сол баамаломада сухан рафта, дар охир хулоса гардидааст: «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳақ сарогози ин таҳаввули бунёдӣ дар зиндагии иҷтимоӣ ва низоми идории мамлакат буд, ки бо ҳидоят ва корномаҳои Сарвари навқирони кишвар бар асоси тарҷеҳи манфиатҳои миллии мардум барои пешрафти Тоҷикистон ва пайвастани он ба шоҳроҳи тамаддун ва низоми иқтисодии ҷаҳон роҳро ҳамвор намуд».

Дар қисматҳои «Нашри алоҳида» ва «Мавод дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ, китобҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ» ба забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ 704 маводе, ки ба шакли алоҳида ва ё дар саҳифаҳои рӯзнома, маҷалла, ҳафтаномаҳо ва сайтҳои электронӣ нашр шудаанд, гирд оварда шудааст. Қисмати дуюми китоб аз кумакфеҳристҳо иборат аст, ки кори истифодабарандагони онро осон мекунад.

Феҳристи « Иҷлосияи сарнавиштсоз» бори нахуст дар асоси захираи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва веб-сайтҳои Интернет таҳия шудааст. Китоби мазкур барои пажӯҳандагон, донишҷӯён, журналистон, устодон бо мақсади бештару хубтар ошноӣ пайдо кардан бо адабиёти марбут ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурамали хубест.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***




## Шудгор ва кишти тирамоҳӣ идома дорад

**ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Тибқи дурнамо имсол дар ҷумҳурӣ дар майдони 612998 гектар шудгори тирамоҳии зироатҳои ғалладона, картошка ва сабзавоти барвақтӣ гузаронида мешавад. Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, то санаи 26 ноябри соли ҷорӣ дар майдони 276854 гектар шудгор гузаронида шудааст, ки баробари 29 фоизи дурнамо буда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 16969 гектар зиёд мебошад.

Ҳамзамон тибқи дурнамо, имсол дар майдони 197021 гектар кишти тирамоҳӣ гузаронида мешавад ва то имрӯз ба қадри 63,6 фоиз кишт анҷом ёфтааст.

## Ба зимистон омодаанд

**РАШТ. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)** Муассисаҳои маорифу тандурустии ноҳияи Рашт ба давраи зимистони солҳои 2012-2013 хуб омода шудаанд. Дар ноҳия 16 нуқтаи фурӯши ангиштсанг, ду нуқтаи фурӯши гази моеъ ташкил карда, барои зимистонгузаронии муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва фарҳангу иҷтимоиёт 385 тонна ангиштсанг, 1141 метри мукааб ҳезум захира шудааст.

Тибқи иттилои роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Рашт А. Камолов, муассисаҳои мазкур пурра аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, соҳаи маориф бо 56 адад ва муассисаҳои тандурустӣ бо 15 адад генераторҳои дизелӣ таъмин гардидаанд, ки дар ҳолатҳои набудани неруи барқ аз онҳо истифода мекунанд.

## Тебалай фоида меорад

**КӮЛОБ. (Мирзо НУРАЛИЕВ,«Садои мардум»)** Дар шаҳри Кӯлоб, аз сойи машҳури Тебалай, ки ҳамасола бо фаро расидани фасли баҳор ва ҷорӣ гардидани сел ба хоҷагии халқи шаҳр хисороти зиёд ворид карда, ҳатто боиси талафоти ҷонӣ мегардид, роҳи баҳрабардориро пайдо намуданд.

Ба наздикӣ дар ин мавзеъ як корхонаи сангмайдакунӣ ба фаъолият оғоз хоҳад кард, ки маҳсулоти он аз ҳисоби сангҳои селовардаи даруни сой таъмин карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки маҳсулоти барои таъмиру беҳбуд бахшидани роҳҳо, маводи сохтмонии заруру бозоргир истеҳсол ва ҷойҳои нави корӣ пайдо шавад. Ҳамзамон ба ин васила чуқурии сой ба таври доимӣ тоза карда шуда, имкони пешгирии сар задани сел фароҳам меояд. Дастгоҳи сангмайдакунӣ ба маблағи 886 ҳазору 620 сомонӣ аз тарафи Барномаи рушди СММ ( Undp) харидорӣ гардида, ба ихтиёри ташкилоти ҷамъиятии сокинони аз сел зарардидаи кӯчаи Чармгарон вогузор гардида буд ва онҳо дар навбати худ барои истифодабарӣ дастгоҳро ба Ҷамъияти махсусгардонидашудаи шакли кушодаи «Билол» ба иҷора доданд.

## Камбизоатон соҳиби мошин шуданд

**МУЪМИНОБОД. (Исмоил ҶАБИНЗОДА)** Сабзавоткорони деҳаи Ғофилободи ноҳияи Муъминобод дар натиҷаи меҳнати пурсамари шабонарӯзӣ, риояи қоидаҳои агротехникии дурусти парвариши зироатҳо ва таҷрибаву малакаи деҳқонӣ ҳосили дилхоҳ ба даст оварда, аксарият ҳосили рекордӣ гирифтанд, ки мислашро мардуми ноҳия ёд надорад. Масалан, Талбак Мирзоалиев аз 0,85 гектар 35 тонна, Мирзо Зуҳуров аз 0,80 гектар 30 тонна, Давлат Афғонов аз 1,5 гектар 45 тонна, Раҳим Сафаров аз 0,35 гектар замин 17 тонна пиёз ғундоштанд.

Ҳар кадоми ин сабзавоткорон аз ҳосили пиёз аз 20 то 45- 50 ҳазор сомонӣ фоидаи соф гирифтанд.

## Боз як мактаби нав бунёд ёфт

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Давлат СУЛТОНОВ,«Садои мардум»)** Дар шаҳри Қӯрғонтеппа боз як мактаби нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дари худро ба рӯйи толибилмон боз кард. Бинои нави таълимгоҳ дар кӯчаи Кайҳоннавардон ҷойгир аст. Бинои нави дабистон имкон дорад, ки беш аз 400 нафар хонандагонро ба таълим фаро бигирад. Минбаъд низ бунёди якчанд мактаби нав дар маркази вилояти Хатлон ба нақша гирифта шудааст. Алҳол дар шаҳри Қӯрғонтеппа даҳ мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, чор литсей, як гимназия, як мактаби шабона, 16 муассисаи томактабӣ амал мекунанд.

## Ҷашни фотеҳи Вахшонзамин доир гардид

**ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Ниёзмуҳаммад Бегов, ки яке аз шахсиятҳои обруманди Хатлонзамин буд, аз ҷумлаи нахустфотеҳони водии Вахш ҳисоб меёбад. Ӯ чун марди фидоии меҳнат солҳои зиёд дар хоҷагии овозадори «Коммунизм»-и ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, ки алҳол номи ин шахсияти машҳурро ба худ гирифтааст, сарварӣ кардааст. Аз хизматҳои арзандаи ӯ дар ҷамъомади тантанавие, ки ба муносибати 90- солагии зодрӯзаш дар маркази хоҷагӣ бо иштироки раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал ботантана баргузор гардид, ёдовар шуданд.

Барои хизматҳои шоёнаш шодравон Ниёзмуҳаммад Бегов бо бисёр ордену медалҳо қадрдонӣ гардидааст. Ӯ чанд даъват вакили халқ дар Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллӣ буд.

## Мумфаршкунӣ анҷом меёбад

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Аҳолии деҳаи Сурхи шаҳри Исфара бо истифодаи шароиту имкониятҳои худӣ ба мумфаршкунии роҳҳои мошингарди дохили деҳа оғоз намуданд. Барои анҷоми ин кор аз ҷониби аҳолӣ ва соҳибкорон 355 ҳазор сомонӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр 20 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст. Акнун ду километр роҳи ҳудуди деҳа пурра ва панҷ километри он қисман мумфарш карда мешавад.

## Ҳайкали шоир гузошта шуд

**АЙНӢ. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Ба ифтихори 80-солагии шоири шинохтаи тоҷик, шодравон Қутбӣ Киром дар зодгоҳи шоир- деҳаи Урметан маҳфили ёдбуд доир гардид. Дар ин чорабинӣ шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳуриву вилоят - Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Гулназар Келдӣ, раиси бахши суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Аҳмадҷони Раҳматзод, раиси ноҳия Рустам Раҳматов, шоир Толиби Озарахш ва дигарон суханронӣ карданд. Баъд бо кӯмаку дастгирии фарзандон ва наздиконаш ҳайкали шоири шаҳир дар зодгоҳаш гузошта шуд.

## Тӯҳфа ба Китобхонаи миллӣ

**ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» маросими расмии супоридани китобу дастхатҳо аз китобхонаи шахсии академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шодравон Аҳрор Мухторов барпо шуд. Фарзандон ва пайвандони олим ба китобхона се ҳазор нусха китобро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва ҳуруфоти форсӣ тақдим намуданд. Боиси тазаккур аст, ки академик Аҳрор Мухторов давоми зиндагиаш беш аз 80 китоб ва рисолаҳои илмиву таълимӣ дар соҳаҳои катибашиносӣ, таърихи фарҳанг, таърихи асрҳои миёна ва ҳамчунин адабиётшиносӣ эҷод намуда, дар рушди илми тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Яке аз дастовардҳои муҳими олим бозёфти сангнавиштае бо дасти Бобур аз деҳаи Оббурдони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошад. Ин бозёфт имрӯз Осорхонаи таърих, этнография ва бостоншиносии Институти таърихи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро зинат медиҳад.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

● Ба ифтихори 60-солагии нависанда Ҷонибеки Акобир

# СИТОИШИ ХИРАД ВА ЭҲСОС

Солҳои 70- 80-уми асри XX дар муҳити адабии Тоҷикистон аз шарофати ба арсаи эҷод омадани ҷавонони ҷӯяндаву беқароре, ки худро идомаи адибони насли 60-ум, яъне қувваҳои бедортару ҷуръатманди адабӣ мешумурданд ва зиёда ба онон пайравӣ ҳам мекарданд, номҳои нав, истеъдодҳои тоза ғулғула меафканд.

Аз файзи шахсиятҳои гиромқадре, ба мисли устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, ки ба эъмори кохи навини сухан, яъне адабиёти марҳилаи тозаи ба истилоҳ шӯравӣ, вале дар асл адабиёти замони нав даст ёфтанд ва заҳмати устодон чун Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзода, Ҳаким Карим, Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва дигар шоирону нависандагони ҷӯянда ва навгарое чун Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Меҳмон Бахтӣ, Гулназар Келдӣ, Кароматуллои Мирзо, Гулрухсор, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Сорбон, Урун Кӯҳзод ба густаришу равшан сохтани андешаҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллию ватанӣ идома медоданд.

Адиби маҳбуби тоҷик, Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷонибеки Акобир дар чунин муҳити созандаи адабӣ ва бо баҳрагирӣ аз ганҷинаи фарҳанги миллию ҷаҳонӣ сабзид ва асарҳои муассиру дилпазири хешро ба хонандагон пешниҳод кард. Дар он даврон, ки меъёрҳо ва қавоиди хосаи пазируфта шудан ва мақбули аҳли назар ва дилҳои ҳамзамонон гардидани худро дошт ва роҳҳои расидан ба аҳдофи эҷодӣ барои ҳар як эҷодкор, хоса барои ҷавонон, на ҳамеша ҳамвор буд, Ҷонибеки Акобир дар муддати на чандон тӯлонӣ пайроҳаи хешро пайдо кард ва ба ҳайси қаламкаши касбӣ ва дорои неруи чашмгири эҷодӣ шинохта гардид.

Вақте силсилаи ҳикоёташ таҳти унвони «Дунё ба умед» (соли 1983) ба дасти аҳли назар расид, ба ин маҷмӯа чун ба як китоби арзишманд ва боварибахш, ҳамчун ба маҳсули қалами як адиби солор ва ботаҷриба баҳо доданд ва бархӯрд карданд, зеро аз ҳар вожа ва таркибу тасвирҳои Ҷонибеки Акобир диди борику жарфи як эҷодкори хирадманд ва дурандеш аён мегардид. Яъне, онҳо ҳарфҳое буданд, ки аз ҳикмати зиндагӣ ва озодандешии инсонҳо маншаъ мегирифтанд. Воқеоту рӯйдодҳои ҳаёт на ба хотири тасвири маҳз ва пайи ҳам овардани ҳодисаҳо, балки ба хотири ибрат ва бозомӯзии ҷараёнҳои гуногуни рӯзгор аз ҷониби нависанда рӯйи қалам меомаданд.



«Дунё ба умед» ҳамон гуна, ки аз унвонаш бармеомад, аз қадамҳои эътимодбахш ва навҷӯёнаи ӯ башорат дода, номашро дар сарҳати насрнависони он замон ҷавон қарор дод. Обруй ва эътибори Ҷонибеки Акобирро боз ҳам аз он лиҳоз метавон таъйид кард, ки роҷеъ ба асарҳояш қариб дар кулли гузоришҳои адабӣ, бахусус мақолаҳои пурғунҷоише, ки ба таҳлили насри бадеии тоҷик марбут буданд, аз ҷониби муҳаққиқин ва адабиётшиносони барҷастаи тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳим Ҳошим, Расул Ҳодизода, Раҷаб Амонов, Атахон Сайфуллоев, Маъруф Раҷабӣ, Ҷӯра Бақозода, Абдухолиқ Набавӣ ва дигарон ишораҳо ва андешаронииҳои некбинона ҷой доштанд.

Қаҳрамонҳои ҳикояҳои Ҷонибек Акобир ба замон, ба воқеоту рӯйдодҳои ҷомеа бархӯрдҳо ва назари хоси худро доранд, мушкилоти ба миёнгузоштаи адиб куллан аз сабкҳо ва усулҳои маъмул тафовут пайдо намуда, гирумонҳои аҷибу ҳайратангезе аз ҷониби муаллиф ба чашм мерасиданд. Насри марҳилаи тозашурӯи тоҷик он замон дар шахси ин нависандаи борикбин идомабахши иқдоми охирин устодони ин бахшро пайдо кард, ки воқеан падидаи фараҳбахше буд.

Сарнавишт ва рӯзгори нависанда Ҷонибеки Акобир воқеан ибратомӯз аст. Ҳанӯз аз замони наврасӣ, таҳсил дар мактаб- интернати шӯравӣ, шогирдии омӯзгорони гуногунмиллати шӯравӣ, ки бо хайрхоҳӣ, пурдонӣ, меҳру шафқати беназир ва усулҳои беҳтарину бесобиқаи таълимиашон такрорнашавандаанд, дили поку софи ӯро дар он айём ба хондан, омӯзиш, рӯй ба китоб овардан ва заҳматписандӣ гарм намуданд.

Рустои дилпазири Рӯшании ноҳияи Нуробод дар тифлӣ ба вуҷудаш софии оби чашмасорони рӯдҳои ноб ва шириниву хушии нони гандуми парваридаи деҳқонони ин мавзеъро ҷой намуда, сиришташро аз меҳру ишқи Ватан саршор кард. Сипас, зиндагӣ ӯро ба мактаб- интернати рақами 2-юми шаҳри Душанбе овард, ки дар фавқ роҷеъ ба муҳити он чанд ишора доштам. Дар ҳамаи ин давра китоб ва беҳтарин рӯзномаву маҷаллаҳои ватаниву умумиттифоқӣ мунису ҳамдами дили ташнаи каломи ӯ буданд. Овони ҷавониаш, ки чун ҳама ҳамсолони кӯшо ва серғайраташ ба душвориҳо ва дилмашғулиҳои паёпаяш тавъам сурат мегирифт, ба адиб сабақи сабру таҳаммул ва мушкилписандиҳо медод. Ӯ ин ҳама пасту баландиҳо ва печутобҳоро на танҳо аз саҳифаҳои осори бадеӣ, инчунин дар ҷараёни пуршӯру шари ҳаёт, табу тобҳои солҳо, меҳру марҳумияту маҳдудиятҳои замон таҷриба мекард.

Хизмати ҳарбӣ дар қӯшунҳои танкии Артиши шӯравӣ як далели равшан аст аз ширкати адиб дар ҷараёнҳои маъмулӣ, вале айни замон масъулиятноки ҳаёти ҷавонони давр. Бинобар ин, чун соли 1980 Ҷонибеки Акобир факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ба итмом расонид, кӯлборе аз донишу таҷрибаи зиндагиву адабӣ барои худ муҳайё карда буд. Ҳамон кӯлборе, ки аз фаъолиятҳои зоҳиран муқаррарӣ, вале аслан ибратомӯзе дар Корхонаи «Ширин»-и шаҳри Душанбе пурбор карда буд. Қобилияти эҷодӣ ӯро сипас ба нашриёти «Ирфон» овард, ки дар муҳити он аз мусаҳҳеҳӣ то ба муҳаррири шуъба сабзид. Адиб соли 1979 мухбири Тоҷик ТА (ҳоло АМИТ «Ховар») таъин гардид ва ҳамагӣ соле баъд корманди рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» (ҳозира «Адабиёт ва санъат») шуд. То соли 1989 Ҷонибеки Акобир дар ин даргоҳ фаъолият карда, сипас котиби масъули маҷаллаи адабии «Садои Шарқ», муовини сармуҳаррири он таъин шуд.

Дар зиндагиномаи адиб фаъолияти ӯ дар Дафтари матбуоти Шӯрои Олии Тоҷикистон (соли 1992) мавқеи муайян дорад. Кор дар ин мақоми олии қонунгузорӣ воқеан барояш хотирмон гардид ва аз саҳми ӯ дар пешбурди анъанаҳои хоси бахши иттилоотии Парламенти мамлакат гувоҳӣ медиҳад.

Пас аз соҳибистиқлолии кишвар муҳити адабии тоҷик боз ба таҷриба ва истеъдоди созмондиҳиву эҷодии Ҷонибеки Акобир рӯй овард. Ӯро соли 1993 сармуҳаррири маҷаллаи «Фарҳанг» ва соли 1997 сармуҳаррири маҷаллаи адабии «Садои Шарқ» таъин намуданд. Маҷаллаи «Садои Шарқ» маҳз бо пуштибонӣ ва роҳбарии маънавии устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ арзи вуҷуд намуда, то ин вақт ба он устодон Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис, Абдумалик Баҳорӣ, Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ, Абдулҳамид Самад, Урун Кӯҳзод сарварӣ карда буданд. Аз соли 2005 «Садои Шарқ» бо Қарори Ҳукумати кишвар ба Нашрияи миллии адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт ва воқеан минбари бузурги суханварони Шарқ буданашро ҳифз кард.

Ҷустуҷӯ, дарёфти мавзуъҳои нав ва образҳои ҷадид, корбурди сабкҳои ҷолиби адабӣ, тасвирҳои ғайриқолабӣ, ки ба василаи онҳо дар асар руҳи тоза дамидаву бештар ҷалби таваҷҷуҳ менамояд, дар кулли асарҳои Ҷонибеки Акобир буруз мекунанд. Китобҳои минбаъдаи нависанда, ба мисли «Хирмани ситора» (соли 1985), «Кӯҳистонӣ» (соли 1987), «Пазмонӣ» дар насри тоҷик аз ҷумлаи падидаҳои навину руҳбахш ба шумор омаданд. Минбаъд Ҷонибеки Акобир ба ҳайси устоди жанри ҳикоя ва повест эътироф гардида, дар нақди адабӣ аз камолоти эҷодкоре ибрози назар карда шуд, ки дар авҷи фаъолияти эҷодӣ ва зинаи баланди суханварӣ қарор гирифтааст.

Нависанда дар солҳои душвори кишвар ба хотири тарғиби ғояҳои ваҳдати миллӣ, муттаҳидии аҳли ҷомеа, ободиву созандагӣ ба эҷоди асарҳои публитсистӣ бештар рӯй овард. Публитсистикаи давронӣ соҳибистиқлолии тоҷик ин жанри умда ва пешбар маҳз ба шарофати чунин нигоштаҳои нишонрасу ҳадафманди адибон неру ва тавони тоза ёфт. Очерку эссеҳои Ҷонибеки Акобир, ки солҳои охир дар матбуоти адабии кишвар рӯйи чоп омаданд, хонандагону ҳаводорони суханро шод гардониданд, зеро дар ин гуна асарҳо тозатарин рӯйдодҳо ва падидаҳои ҳаёти мардум тасвир ва аз диди як адиби ҳаким ва файласуф таҳлилу баррасӣ мешаванд.

Соле қабл, ҳангоми сардии ҳаво устод ба аёдати пирзани беш аз 100-сола ба яке аз рустоҳои дури мавзеи Варзоб рафта, бо он кас суҳбати дарозе дошт. Он модар ҳар чӣ дарди дил дошт, ба нависанда нақл кард, аз печухами тақдир, азобҳои зиндагӣ, аз солҳои гуруснагӣ ёд овард, ҳар хотирааш ҳикмате дошт. Ҷонибеки Акобир очерки худро роҷеъ ба он зани табаррук дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ба табъ расонид. Ин танҳо як мисолест аз ҷустуҷӯҳои ҳамешагии нависанда, часпу талоши эҷодӣ ва қалами сабзу суханофарини ӯ.

Романи Ҷонибеки Акобир «Ҳузни ҷазбаҳо» бо сабки дилнишини адабӣ, забони пухтаву рангин, сарнавиштҳои ҷолибу нотакрори қаҳрамонҳояш, набардҳои қувваҳои гуногун, ки дар раванди онон характеру атвори персонажҳои наврасу ҷавони асар обутоб меёбанд, писанди аҳли адабу мардуми суханпарвари тоҷик гардид. Ин ҳамон мавзуъ ва усули тасвиру нигоришест, ки гӯё хонанда интизорӣ мекашид.

Осор ва шухрати Ҷонибеки Акобир солҳост, ки ба кишварҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон, ҷумҳуриҳои дӯст, хуллас, ба дилҳои аҳли назар роҳ ёфтаву ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шудааст. Тарҷумаҳои ҳикоёт ва повестҳои адиб тавонистаанд, ки адабиёти навини тоҷикро дар сатҳи шоиста барои дигарон муаррифӣ намоянд. Инҳо аз касбияти воло ва ҳунару маҳорати адабӣ ва шуҷоату фидокории адиб гувоҳӣ медиҳанд. Воқеан, Ҷонибеки Акобир инсонест хушбахт ва бо толеи баланду фархунда, зеро бо заҳмату меҳнати бедареғ тавонист осоре офарад, ки барои тарғиби завқи мардум ва бедории афкору андешаи созанда хидмат мекунанд ва ҷойгоҳи сазоворе дар махзани фарҳанги миллӣ пайдо намудаанд.

***Парда ҲАБИБ,***
***барандаи Ҷоизаи адабии ба номи М.Турсунзода***

# ЭЪЛОН

## Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд

**1.Муовини мудири шуъбаи ташкили кор**

Талабот аз довталабон: таҳсилоти олии касбӣ, таҷрибаи корӣ аз рӯйи ихтисос, шаш сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳафт сол собиқаи умумии меҳнатӣ, донистани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», донистани забони давлатӣ, русӣ ва кор бо компютер ҳатмист, донистани забони хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Довталабон ҳуҷҷатҳои зеринро ба озмун пешниҳод намоянд:**

-ариза ба номи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
-тарҷумаи ҳол;
-нусхаи шиносномаи шахсӣ;
-нусхаи ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
-расми 3 х 4 ду дона;
-маълумот оид ба вазъи саломатӣ шакли -086УЕ;
-рақами мушаххаси андозсупоранда;
-эъломия оид ба андоз аз даромад ва вазъи амвол.

**ЭЗОҲ:** барои ишғоли мансаби холӣ довталабе даъват карда мешавад, ки нишондодҳои тахассусии ӯ ҷавобгӯйи талаботи муқаррарнамудаи комиссияи озмун бошад.

Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо - то 10 декабри соли 2012.

**Суроға: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.**

**Телефон барои маълумот: 221-33-07.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 27 декабри соли 2012 музоядаи №30-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Гараж барои 50 автомашина, Муассисаи давлатии «Стансияи давлатии озмоиши мошинҳои Тоҷикистон» | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Мадад | 300 000 |
| 2 | Бинои истгоҳи телефонии -24 (АТС-24) ҶСК «Тоҷиктелеком» | ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 145/1 | 1 000 000 |
| 3 | Бино ва иншооти идораи таъмини маводи техникии филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Толстой, хонаи 2/1 | 250 000 |
| 4 | Иншоотҳои (лимонхона, айвон ва ду гараж) филиали ШТШД Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» | ш.Душанбе, кӯчаи Сино 42 | 300 000 |
| 5 | Базаи СПМК-16 ва иншооти ёрирасони Идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Мастчоҳ | ноҳияи Мастчоҳ, кӯчаи А.Козбеков | 300 000 |
| 6 | Бинои «Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои гадоён ва оворагардон»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Хуҷанд, кӯчаи Аминҷон Расулов 49 | 40 198 |
| 7 | Воситаҳои асосии (бинои маишӣ, анбори оҳанин, ҷойи тамокукашӣ, долон барои трансформатор ва ҳоҷатхона дар ХТБПРТ) ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, кӯчаи Титов 31/2 | 600 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 27 декабря 2012 года проводит аукцион №30 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Гараж для 50 автомашин, Государственное предприятие «Стансияи давлатии озмоиши мошинҳои Тоҷикистон» | район Рудаки, поселок Мадад | 300 000 |
| 2 | Здание телефонной станции-24 (АТС-24), ОАО «Тоҷиктелеком» | г.Душанбе, проспект Рудаки 145/1 | 1 000 000 |
| 3 | Здание и сооружение технического снабжения филиала ОАО «Тоҷиктелеком» | г.Худжанд, ул.Толстого, д 2/1 | 250 000 |
| 4 | Сооружения (лимонарник, навес и два гаража) филиала ОАО «Тоҷиктелеком» | г.Душанбе, улица Сино 42 | 300 000 |
| 5 | База СПМК-16 и вспомогательное сооружение Государственного учреждения водного хозяйства Матчинского района | Матчинский район, улица Козбекова | 300 000 |
| 6 | Здание «Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои гадоён ва оворагардон»-и Министерства внутренных дел Республики Таджикистан | г.Худжанд, улица Аминжона Расулова 49 | 40 198 |
| 7 | Основные средства (бытовое здание железный склад, курилка, навес для трансформатора и туалет ХТБПРТ) ОАО «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | г.Душанбе, улица Титова 31/2 | 600 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3272/1-1565/А | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Рахти хоб | номгуй | 2 | 17.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3273/1-1566 | Пажӯҳишгоҳи илмӣ-клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгуй | 82 | 17.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3274/1-1567 | Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои гӯштин | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 33 | 17.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3275/1-1568 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 40 | 17.12.2012 соати $10^{30}$ |
| 3276/2-888 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 10 | 17.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3277/2-889 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгуй | 6 | 17.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3278/2-890 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелии Л-62 | литр | 50000 | 17.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3279/3-764 | Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Рӯйхати маҷмӯаҳои меъёрӣ | тибқи санад | | 17.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3280/1-1569 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 44 | 17.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3281/1-1570 | Корхонаи воҳиди давлатии «Нафтугаз ва ангишт» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 3 | 17.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3282/1-1571 | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 3 | 10.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3283/1-1572 | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Пардаҳо | номгуй | 2 | 10.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3284/1-1573 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 18 | 17.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3285/1-1574 | Корхонаи махсуси (казонии) давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 40 | 17.12.2012 соати $10^{30}$ |
| 3286/2-891 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ, шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгуй | 65 | 17.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3287/2-892 | Маркази саломатии шаҳрии №1, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгуй | 39 | 17.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3288/2-893 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 16 | 17.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3299/3-765 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Ороиши кӯчаву хиёбонҳо ба таҷлили ҷашни соли нави 2013 | тибқи санад | | 17.12.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

### Республика Таджикистан

### Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры

### Ликвидация не законных точек сбора ТБО и строительство городского полигона в г. Фархор № Контракта/Конкурсного предложения AF MIDP 007

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка в счет стоимости Дополнительного финансирования Проекта развития муниципальной инфраструктуры и намеревается использовать часть средств на надлежащие выплаты в рамках Контракта «**Ликвидация не законных точек сбора ТБО и строительство городского полигона в г. Фархор**».

Центр управления Проектом (ЦУП) настоящим приглашает правомочных и квалифицированных Участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно MIDP AF 007 «**Ликвидация не законных точек сбора ТБО и строительство городского полигона в г. Фархор».** Окончательный срок предоставления конкурсных предложений не должен превышать 30 дней.

Торги будут проводиться в соответствии с процедурами национальных конкурсных торгов (НКТ), описанными в Руководстве Всемирного банка: *«Закупки товаров, работ и неконсультационных услуг по займам МБРР и кредитам и грантам МАР Заемщиками Всемирного банка, январь 2011»* и в нем могут принять участие любые Участники из правомочных стран, как определено в Руководстве.

Заинтересованные правомочные Участники торгов могут получить более подробную информацию и ознакомится с документацией для торгов в ЦУП по указанному ниже адресу с $9^{00}$ до $16^{00}$, с понедельника до пятницы. Заинтересованные Участники торгов могут приобрести полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу и оплаты не возмещаемого сбора в сумме 300 сомони. Метод оплаты будет наличным.

ЦУП
4-ый этаж,
Г-же У. Хамракуловой, Заместителя Директора ЦУП
Ул. Н. Карабаева 56,
Республика Таджикистан
Тел: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;
Факс: (992372) 33 13 30;
E-mail: office@midp.tj

При доставке за границу документ будет отправлен авиапочтой и обычной почтой или курьером для местной доставки, или по электронной почте (в формате PDF).

Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением в размере 20 000 сомони и должны быть доставлены к 28 декабря 2012, $14^{00}$. Конверты с конкурсными предложениями будут вскрыты немедленно в присутствии представителей Участников торгов, которые пожелаю присутствовать по указанному ниже адресу. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются

Кому: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

Адрес: ул. Шотемур 27
Номер кабинета и этажа: 2 этаж, комната 22.
Город: Душанбе
Почтовый адрес: 734025
Страна: Республика Таджикистан






## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Дафтарчаи имтиҳонии № 38-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2007 ба Ашурова Зарифа Тоҳировна додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии № 687/2009-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2009 ба Холиқов Далер додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии № 558/2009-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2009 ба Афзалшоҳи Зафарзода додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ДТО №0020155-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодиёти Тоҷикистон 23 апрели соли 2010 ба Шарипов Азиз Саидович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯйии №114/06-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2006 ба Саидова Гулшан Орифовна додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии №2-72/2012-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2012 ба Халилов Раҷабалӣ Олимҷонович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2009 бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ, хонаи 164/1, ҳуҷраи 17 ба Баротов Далер додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №12/11-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2011 ба Кабиров Сорбон додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи ЗТ-1 № 800429-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1986 ба Хусенов Олим Бахронович додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0105972 бо РЯМ 0930038808-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 4 октябри соли 2010 ба Ҳалимов Иноятулло додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи курси мактаби ронандагии № 156567-и гумшуда, ки онро ҶДММ «Гардиш» 9 ноябри соли 2011 ба Зокирова Зарафшон Раҷабалиевна додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи шаҳрвандии А № 3581820-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино-1) соли 2002 ба Мамадов Мамад Гулбутаевич додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи шаҳрвандии А №5099802-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Файзобод 2 сентябри соли 2008 ба Маҳмадиқболи Маҳмадалӣ додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №4211/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2010 ба Меъроҷи Сироҷиддин додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии ҳавлидории № 458-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Панҷ бо суроғаи ноҳияи Панҷ, Ҷамоати деҳоти «Намуна», деҳаи Сомонӣ 31 январи соли 2009 ба Гулов Шодӣ Бобохонович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ХТ № 0194020-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Панҷ таҳти феҳристи №15-2Ш бо суроғаи ноҳияи Панҷ, Ҷамоати деҳоти «Намуна», деҳаи Сомонӣ 31 январи соли 2009 ба Гулов Шодӣ Бобохонович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «ЗАМЗАМ 2011» бо РМА 090011471, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Алмосӣ, деҳаи Булоқсайдон, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Сафаров Қаландар Раҷабович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0046014 бо РЯМ 1530003292 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 11 феврали соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Азамов Қудратулло Раҳматович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0144730 бо РЯМ 1230050076 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 17 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Тоҷибоева Муқадас Муссоевна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0059387 бо РЯМ 1230020587 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 15 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Фурқатҷони Муҳибулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188740 бо РЯМ 0930055280 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 20 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Хомидова Ҷамила, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0125954 бо РМА 045575208 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 1 июли соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Буриева Зайнура Маҳмадиёровна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии 0058788 бо РЯМ 0130019670 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 16 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Маликов Маҳмадшариф Жумаевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0080036 бо РЯМ 0330048639 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 20 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Малик-ЛТД» бо РМА 040019101, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин 11, ҳуҷраи 40, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Шарипов Мурод Ашурович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0188613 бо РЯМ 0130041029 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 4 марти соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Мирзоев Изатулло Маҳмадуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0132372 бо РЯМ 1230041918 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 18 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.


Садои мардум
Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 26 ноябри соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха*

*Навбатдори шумора Ҳабибуллоева Ф.*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова